**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуев Эмом Субҳонович дар мавзуи «Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Рушду инкишофи забони адабӣ ва тайғирот махсусан дар таркиби луғавии он ба ҳаёти иҷтимоӣ, модӣ, сиёсӣ ва таърихии ҳар як миллату халқият вобастагии ногусастанӣ дорад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқу таҳлил ва омӯзиши забони адабӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ барои муайян намудани хусусиятҳои луғавӣ, маъноӣ ва услубии забони адабии асрҳои гуногун ёрии калон мерасонад. Таҳқиқи лексикии осори шоирону адибони форсу тоҷик аз вазифаҳои асосии илми забоншиносӣ маҳсуб мешавад, ки то ба ҳол таҳқиқу баррасии шоистае роҷеъ ба осори баъзе аз онҳо аз тарафи донишмандони дохилию бурунмарзӣ ба анҷом нарасидааст. Диссертатсияи Абдуев Э. аз қабили чунин пажӯҳишоте мебошад, ки ба омӯзиши масоили лексикии ғазалиёти Толиби Омулӣ нигини сабки ҳиндӣ бахшида шудааст.

Диссертатсияи Абдуев Э. аз муқаддима, се боб (иборат аз сенздаҳ фасл), хулоса, феҳристи манобеи истифодашудаaccording дар худ муттаҳид мекунад. Унвонҷӯ дар қисмати муқаддимаи диссертатсия чун анъана мувофиқи талаботи муқарраршуда роҷеъ ба аҳамият ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ, усулҳои таҳқиқот, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадафи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, саҳмии шахсии муаллифи диссертатсия сухан дар миён гузоштааст.

Дар боби аввал – **«Масъалаҳои назарии лексика дар забони назм»**, ки аз се фасл иборат аст, масоили назарии таҳқиқ ва таснифи лексикаи назм дар забони форсу тоҷик, таҳқиқи назарии лексикаи ирфонӣ дар забоншиносии тоҷик, мубрамияти таҳқиқи лексика дар забоншиносии назм бо далелҳои муътамади илмӣ ва раднашаванда ҳаллу фасл гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия – «**Вижагиҳои маънои лексикаи ирфонии ғазалиёти Муҳаммад Толиби Омулӣ**» аз панҷ фасл иборат аст. Дар фаслҳои боби мазкур диссертант масъалаҳое чун: вижагиҳои таносуби маънои вожагон дар забони назм, сермаъноии вожагони динию ирфонии ғазалиёти Толиб, муродифоти луғавӣ, мутазодҳо ва омонимҳои луғавӣ дар ғазалиёти Толилбро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар панҷ фасли боби сеюми диссертатсия, ки «**Таснифоти мавзуии лексикаи ғазалиёти Муҳаммад Толиби Омулӣ**» ном гирифтааст, диссертант ба лексикаи антропономӣ дар ғазалиёти Толиб, тасвири номҳои ҳархела дар ғазалиёти шоир, корбурди номи растанӣ ва дарахтҳо, корбурди маҳал ва рӯду обҳо, лексикаи зоономӣ дар ғазалиёти Толиби Омулӣ диққат зоҳир намудааст.

Дар анҷоми фишурдаи диссертатсия хулосаҳои мушаххаси унвонҷӯ, ки аз натиҷаҳои пажӯҳиш сар задаанд, оварда шудааст. Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе норасоиҳои ҷузъӣ ва ислоҳпазир ба мушоҳида мерасанд. Чунончи:

1.Дар автореферат дар ду шакл овардани калимаи сӯфия (10), суфиён (12) ба назар мерасад, ки ислоҳ ва истифодаи меъёри ягонанависии онҳо судманд аст.

2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд. (Маҷмӯаи (7), ҳануз(10), гуйӣ (17), сурӯда (17), сиёҳгуш (18), гуштхор (19). ,

Нуқсони мазкур ҷузъӣ буда, ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳад. Банду басти диссертатсия ба талаботи услуби илмӣ ҷавобгӯ буда, мазмуну мухтавои фишурда ҷолиб ва мақолоти мунташирнамудаи диссертант ба мавзуъ мувофиқ мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи **Абдуев Эмом Субхонович** таҳти унвони «**Лексикаи ғазалиёти Толиби Омулӣ**» ба талаботи бандҳои 31-35-и

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз**
номзади илми филологӣ, мудири
кафедраи забони тоҷикии Муассисаи
давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» Назаров Меҳрубон Ниёзмадович

Суроға: 735140 Ҷумҳурии Тоҷикистон
вилояти Хатлон, ноҳияи Кӯшониён, Ҷамоати
Бӯстонқалъа, деҳаи Механизатор, хонаи 42.
E-mail: nazarov.mekhrubon@list.ru
Телефон: 918397676
« » августи соли 2023.

Имзои Назаров М.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ.А.

**Суроға:**
735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67
Тел: (83222) 2-48-63; (83222) 2-54-81.
E-mail: bgu-1978@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj

« » августи соли 2023.